УДК: 330.35.01
ББК: 65.012
А-50

**СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДА – АСОСИ ТАЪМИНИ МУСТАҚИЛИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.**

***Алиҷонов Ҷамшед Абдуқаюмович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

**ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩАЯ СТРАТЕГИЯ – ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** *– кандидат экономических наук доцент, заведующий кафедрой экономической теории ХГУ имени акад. Б. Гафурова, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

**IMPORT SUBSTITUTION STRATEGY IS THE BASIS OF ENSURING FOOD INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Alidzhanov Dzhamshed Abdukayumovich*** *- Ph.D. Associate Professor Head of the Department of Economic Theory KSU named after acad. B. Gafurov, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мустақилияти озуқаворӣ ва бехатарии озуқаворӣ, стратегияи воридотивазкунӣ, нишондодҳои ҳудудӣ, растанипарварӣ, чорводорӣ, вобастагӣ аз воридот, ҷамъиятҳои матлубот.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои стратегияи воридотивазкунӣ ба воситаи таъмини мустақилияти озуқаворӣ мавриди баррасаӣ қарор дода шудааст. Тадқиқоти имкониятҳои воридотивазкунӣ дар соҳаи озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соҳаи кишоварзии мамлакат ба дараҷаи кофӣ иқтидори худро истифода намебарад. Таҳлили истеҳсоли молҳои озуқаворӣ бо дарназардошти маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ нишон дод, ки аз рӯи намудҳои муайяни маҳсулотҳои воридотӣ, соҳаи кишоварзии мамлакат шароитҳои имконпазир дорад. Пеш аз ҳама, ин ба истеҳсоли маҳсулоти гӯшти чорвои калони шохдор, гӯшти паррандаи хонагӣ, тухм, маҳсулотҳои ширӣ, сабзавот ва меваҳо дахл дорад. Бо мақсади дар сатҳи задди аксар самаранок истифода бурдани имкониятҳои мавҷудаи мамлакат дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда, истифодаи иқтидори ҷамъиятҳои кооператсияи матлубот зарур мебошад. Самаранокии чунин чорабинӣ бо он маънидод карда мешавад, ки қисми зиёди озуқаворӣ дар хоҷагиҳои назди ҳавлигии аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда мешаванд. Дар амал тадбиқ намудани чорабиниҳои дар боло зикршуда, ба пастшавии вобастагии воридотӣ ва худтаъминкунии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат намуда, бехатарии озуқавории мамлакатро мустаҳкам мекунад.*

**Ключевые слова:** *продовольственная независимость и безопасность, импортозамещающая стратегия, пороговые показатели, растениеводство, животноводство, импортная зависимость, потребительская кооперация.*

*В данной статье рассматриваются вопросы стратегии импортозамещения через призму обеспечения продовольственной независимости. Рассмотрение возможностей импортозамещения в продовольственной сфере Республики Таджикистан показывает, что сельскохозяйственная отрасль страны должным образом не использует свой существующий потенциал. Анализ производства продовольственных товаров в разрезе производства продукции животноводства и растениеводства показал, что по определенному наименованию импортируемых продовольствий, сельскохозяйственная отрасль республики имеет существенные потенциально возможные условия. Прежде всего, это касается производства мяса крупного рогатого скота, мяса домашней птицы, яиц, различных молочных продуктов, картофеля, различных овощей, фруктов и т.п. В целях максимально эффективного использования*

*существующих возможностей страны в стимулировании импортозамещающего экономического роста, автором предлагается использовать потенциал потребительской кооперации. Эффективность данного мероприятия объясняется тем положением, что основная масса продовольствия производится в личных подсобных хозяйствах населения и мелких дехканских хозяйств. Полагаем, что претворение в жизнь отмеченных выше мероприятий будет способствовать снижению импортной зависимости и самообеспеченности страны продовольствием, что в конечном итоге укрепит продовольственную безопасность республики.*

***Key words:*** *food independence, food security, import substitution strategy, threshold indicators, crop production, animal husbandry, import dependence, consumer cooperation.*

*This article examines the issues of import substitution strategy through the prism of ensuring food security. Consideration of the possibilities of import substitution in the food sector of the Republic of Tajikistan shows that the country's agricultural sector does not properly use its existing potential. Analysis of food production in the context of livestock and crop production showed that for a certain name of imported food, the agricultural sector of the republic has significant potential conditions. First of all, this concerns the production of cattle meat, poultry meat, eggs, various dairy products, potatoes, various vegetables, fruits, etc. In order to maximize the effective use of the country's existing capabilities in stimulating import-substituting economic growth, the author proposes to use the potential of consumer cooperation. The effectiveness of this measure is explained by the fact that the bulk of food is produced in personal subsidiary plots of the population and small dekhkan farms. We believe that the implementation of the above measures will help reduce import dependence and self-sufficiency of the country with food, which will ultimately strengthen the food security of the republic.*

Мақсади ниҳоии амалисозии ҳар як стратегияи иқтисодӣ бевосита, ба баланд намудани некуаҳволии моддии аҳолӣ равона карда мешавад. Бинобар ҳамин инкишоф ва беҳтаргардии ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти одамон ба сифати  нишондоди асосии самаранокии қарорҳои иқтисодии қабулшуда баромад мекунад. Ин ҷиҳати номбурда ба амалигардонии стратегияи воридотивазкунанда низ тааллуқ дорад. Барои бомуваффақ ҳавасамандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда, муайян намудани имкониятҳои ҳама соҳаҳо ниҳоят зарур мебошад, ки дар онҳо стратегияи воридотивазкунӣ тадбиқ карда мешавад.

Бо назардошти мавҷудияти имкониятҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва сатҳи такомули муносибатҳои истеҳсолӣ воридотивазкунии қисмӣ бо унсурҳои воридотивазкунии тартиби якум хос аст. Бо ибораи дигар, ҳангоми ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар Тоҷикистон бояд ба истифодабарии ҳаматарафаи техника ва технологияи истеҳсолии хориҷӣ такя намуд. Бо баробари ин мақсади асосии воридотивазкунӣ дар шароити Тоҷикистон бояд бозори истеъмолӣ баромад кунад. Дар ин ҷода ба ғайр аз молҳои ғайриозуқаворӣ воридотивазкунии молҳои озуқаворӣ низ афзалият дорад. Ин гуфтаҳо бо шароите тасдиқ карда мешавад, ки мувофиқи он ба воситаи таъмини воридотивазкунии молҳои озуқаворӣ имкониятҳои бехатарии иқтисодӣ пурзӯртар карда мешаванд. Воридотивазкунии озуқаворӣ бо баробари дигар молҳои истеъмолӣ нисбат ба воридотивазкунии воситаҳои истеҳсолот самаранокии нисбатан баландтар дорад. Ин гуфтаҳоро бо чунин далелҳо исбот кардан мумкин аст. Воридотивазкунии воситаҳои истеҳсолот дар намуди техника ва технологияи истеҳсолӣ дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар инкишофи ҷузъи якуми истеҳсолоти ҷамъиятӣ (истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот) дар сатҳи баланд қарор дошта бошад, ки дар навбати худ хароҷоти зиёди капиталӣ ва иқтидори муайяни илмӣ-техникиро талаб менамояд. Дар шароити норасогии захираҳои капиталӣ ва таъминоти пасти техникии истеҳсолот ва қафомонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар ин ҷода, чунин намуди воридотивазкунӣ самараи мусбатро дастрас намекунад. Самараи баръакс дар шароити амалисозии воридотивазкунии молҳои истеъмолӣ, махсусан озуқаворӣ таъмин карда мешавад. Гап дар сари он, ки ташкили воридотивазкунии озуқаворӣ дар шароити вобастагии воридотии бозори дохилӣ тарзи ягонаи паст намудани сатҳи вобастагии воридотӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳалли як қатор мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мусоидат хоҳад кард. Истифодабарии оқилонаи имкониятҳои мавҷудаи истеҳсоли молҳои озуқаворӣ ба мақсади амалисозии стратегияи воридотивазкунӣ метавонад ба таври самараи реаксияи занҷирбанд ба инкишофи ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ба воситаи шиддатёбии гирдгардиши даромадҳо ва хароҷот мусоидат намояд.

Таҳлили сохтори хароҷоти аҳолии мамлакат нишон медиҳад, ки аз се ду ҳиссаи онро хароҷот барои озуқаворӣ ташкил мекунанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Сохтори хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонавода

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* |
| Хароҷоти истеъмолӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Хароҷоти барои молҳои озуқаворӣ | 67,3 | 63,8 | 62,8 | 59,9 | 59,8 | 55,5 | 55,4 | 53,8 |
| Хароҷот барои хариди молҳои ғайриозуқаворӣ | 22,6 | 24,5 | 24,4 | 26,3 | 26,3 | 29,4 | 29,1 | 29,0 |
| Хароҷот барои хариди нӯшокиҳои спиртӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,1 |
| Хароҷот барои пардохти хизматрасониҳо | 10,0 | 11,6 | 12,7 | 13,7 | 13,8 | 14,9 | 15,3 | 17,1 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. Душанбе, 2019. С. 113-117. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. С. 119-120.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки хароҷот барои озуқаворӣ дар сохтори умумии хароҷоти аҳолӣ дар мӯҳлати мушоҳидашаванда зиёда аз 50% ташкил мекунад. Дар миқёси мамлакат ин нишондиҳанда ниҳоят баланд ба ҳисоб меравад. Оиди ин ҳолат профессор Умаров Х.У., чунин хулосабарорӣ меунанд "хароҷот барои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти аҳолӣ на бояд аз 50% зиёд бошад, дар дурнамо бо дарназардошти амалигардонии чорабиниҳо оид ба инкишофи бошиддати сармояи инсонӣ аз 30-35% набояд зиёд шавад" [6].

Маълум аст, ки хароҷоти хоҷагиҳои хонавода ба сатҳи даромад бо самараи афзункунанда (мултипликативӣ) ба сатҳи даромад таъсир мерасонад. Бо ибораи дигар, агар хароҷоти хоҷагиҳои хонавода ба даромади молистеҳсолкунандагони ватанӣ мубаддал шавад, он гоҳ самараи номбурда даромади умумиро дар иқтисодиёт ба маротибаҳо зиёд мекунад. Агар ин хароҷотҳо барои дастрас кардани молҳои воридотӣ равона карда шаванд, дар ин ҳолат самараи номбурда дар мамлакати содиркунандаи ин намуди мол ба миён меояд. Бинобар ҳамин воридотивазкунии молҳои истеъмолӣ нисбат ба ивазшавии воситаҳои асосӣ бо самаранокии баландтар тавсиф карда мешавад. Лекин, бояд дар назар дошт, ки самараи номбурда танҳо дар ҳолати амалигардонии воридотивазкунӣ нисбати он молҳо ба назар мерасад, ки агар истеҳсоли онҳо дар дохили мамлакат имконпазир бошанд.

Азбаски молҳои озуқаворӣ табиатан дар хоҷагии қишлоқ истеҳсол карда мешаванд, бинобар ҳамин зарурати таҳлили имкониятҳои истеҳсолии ин соҳа ба миён меояд. Барои муайян намудани имкониятҳои истеҳсолии молҳои озуқаворӣ ва муайян намудани имкониятҳои воридотивазкунӣ, ба фикри мо бояд мавҷудияти воҳидҳои хоҷагидорӣ, ки бо истеҳсоли чунин молҳо машғуланд ва ҳаҷми он зарур мебошад.

Дар давраи таҳлилӣ пастшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҷуз аз баъзе намудҳо ба назар мерасад. Маълумоти ҳисобшудаи истеҳсоли молҳои асосии озуқаворӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 1991, нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли озуқаворӣ ба ҷузъ се намуди онҳо (гушти барра, нӯшокиҳои ташнашикан ва обҳои минералӣ) ба сатҳи соли 1991 баробар нашудаанд. Аз рӯи як қатор намудҳо пастшавии тӯлонии ҳаҷми истеҳсолот ба назар меравад, пеш аз ҳама ин истеҳсоли маҳсулоти маргарин, маҳсулоти нимтайёри гӯштӣ, ки истеҳсоли онҳо аз соли 1996 умуман аз байн рафтаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ нисбат ба соли 1991 (бо ифодаи фоиз)

| Номгӯи маҳсулот | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (бо назардошти устухони категорияи 1) | 100 | 57,7 | 46,5 | 65,6 | 72 |
| Гӯшти гов | 100 | 94,3 | 75,8 | 97,2 | 44,2 |
| Гӯшти гӯсфанд | 100 | 56,8 | 43,2 | 113,5 | 46,8 |
| Гӯшти хук | 100 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Гӯшти парранда | 100 | 0,4 | 0,0 | 2,8 | 625,2 |
| Дигар намуди гӯшт | 100 | 0,0 | 4,3 | 4,3 | 8,9 |
| Маҳсулоти ҳасиб | 100 | 0,4 | 4,1 | 8,2 | 21,3 |
| Маҳсулоти нимтаёри гӯштӣ | 100 | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Моҳӣ | 100 | 3,9 | 5,8 | 7,3 | 11,9 |
| Маҳсулоти озуқавории моҳӣ | 100 | 3,8 | 3,3 | 5,9 | 11,2 |
| Равғани чорво | 100 | 4,3 | 1,1 | 0,4 | 0,5 |
| Маҳсулоти ширӣ ба ҳисоби шири холис | 100 | 1,7 | 3,6 | 2,9 | 3,4 |
| Панир ва бринза | 100 | 1,2 | 5,1 | 0,6 | 1,1 |
| Равғани растанӣ | 100 | 28,6 | 43,6 | 17,2 | 19,7 |
| Маҳсулоти маргарин | 100 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Консерваҳо | 100 | 27,9 | 40,3 | 29,2 | 19,2 |
| Меваи хушк | 100 | 2,1 | 0,6 | 46,8 | 15,4 |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 100 | 0,4 | 3,5 | 5,5 | 8,7 |
| Маҳсулоти макарон | 100 | 3,1 | 5,5 | 6,9 | 10,2 |
| Нӯшокиҳои ғайриспиртӣ | 100 | 11,0 | 140,4 | 187,1 | 221,4 |
| Обҳои минералӣ | 100 | 17,6 | 52,6 | 215,6 | 222,1 |
| Намак (истихроч) | 100 | 70,8 | 82,1 | 68,7 | 70,0 |

Сарчашмаи ҳисоб: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори солона. Душанбе, 2011. Омори солани Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020.

Мувофиқи маълумоти омори расмӣ, истеҳсоли як қатор намуди молҳои озуқаворӣ, ба монанди равғани чорво, панир ва бринза дар ҳолати ногувор қарор дорад. Танҳо дар солҳои охир ҷоннокшавии истеҳсоли панирҳои ватанӣ ба назар мерасанд.

Дар муддати дигаргуниҳои бозорӣ дар мамлакат оид ба истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ, ба ҷуз аз нӯшокиҳои ғайриспиртӣ тамоюли пастшавӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолат ба мустақилияти озуқавории мамлакат таъсири худро расонид. Маълум аст, ки сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар назар дорад, ки маҳсулоти озуқавории ватанӣ на кам аз 80% истеъмоли онро бояд ташкил намояд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи воридоти молҳои озуқаворӣ вобаста аз имкониятҳои мавҷуд буда фарққунанда бошад. Ҳолати дар бозори истеъмолии озуқаворӣ ба миён омада, оид ба таъсирпазирии ин соҳа ба ҳама гуна омилҳои дохилӣ ва беруна шаҳодат медиҳад.

Чунин ҳолат ба бехатарии озуқавории мамлакат ба таври мустақим таҳдид мекунад. Сабаби чунин ҳолат ба фикри мо дар бӯҳрони камистеҳсолкунии тӯлонӣ ба миён омад, ки ба пастшавии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ сабаб шуд. Қонеъгардонии эҳтиёҷоти дохилӣ аз ҳисоби молҳои озуқавории воридотӣ дар ҳолати дар сатҳи паст қарор доштани истеҳсолоти молҳои озуқаворӣ бевосита ба таъмини бехатараии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар мамлакат ҳолате ба назар мерасад, ки молҳои истеъмолии пештар дар дохили кишвар истеҳсол мешуда, воридот карда мешаванд. Дар натиҷа, маҳсулоти озуқавории воридотӣ аз ҳисоби гаронии нарх ба қисми муайяни аҳолӣ дастнорас аст.

Барои баҳодиҳии ҳолати таъминоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фикри мо бояд таҳлили низоми нишондиҳандаҳоро амалӣ намуд, ки истеҳсол ва истеъмоли намудҳои

асосии маҳсулоти озуқавориро тавсиф мекунанд. Масалан, таносуби истеҳсолоти ватанӣ ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, истеъмолот ба ҳар сари аҳолӣ бо муқоиса намудан бо имкониятҳои мамлакат оид ба таъмини эҳтиёҷоти худӣ бо озуқаворӣ.

Таносуби истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ҳолати ҳақиқии вобастагии мамлакатро аз воридоти озуқаворӣ нишон медиҳад (ҷадвали 3).

Чӣ тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 3 маълум мегардад, худтаъминкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулотҳои озуқавории асосӣ, ба ғайр аз картошка, сабзавот ва қисман маҳсулоти нонӣ, аз нишондоди ҳадди ақалли аз тарафи ҳукумат муқарраршуда паст буда, дар ҳудуди 80% қарор дорад. Дигар ҷиҳати асосии масъалаи додашуда, дар он иборат аст, ки дар натиҷаи ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои воридотӣ сифати он коҳиш ёфта истодааст. Аз рӯи маълумоти Агентии стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 номгӯи маҳсулотҳои озуқавории воридотӣ, ки ба савдои чакана ворид карда шудаанд, 12 номгӯяш сифати паст дорад, махсусан ин ба маҳсулоти гуштӣ, равғани растанӣ, шир ва маҳсулотҳои ширӣ таалуқ дорад.

Ҷадвали 3

Истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019

| *Номгӯи маҳсулот* | *Эҳтиёҷот (ҳазор тонна)* | *Истеҳсолоти аслӣ (ҳазор тонна)* | *Воридот (ҳазор тонна)* | *Аз он ҷумла ёрии гуманитарӣ (ҳазор тонна)* | *Мавҷудияти аслӣ (ҳазор тонна)* | *Фоизи таъминнокӣ* | *Фоизи худтаъминнокӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 910,2 | 752,6 | 743,5 | 20,0 | 1496,1 | 164,4 | 82,7 |
| Картошка | 553,0 | 760,1 | 25,7 | - | 785,8 | 142,1 | 137,5 |
| Сабзавот | 780,1 | 1125,0 | 0,7 | - | 1125,7 | 144,3 | 144,3 |
| Меваҳо | 610,8 | 349,0 | 17,6 | - | 366,6 | 60,0 | 57,1 |
| Равғани растанӣ | 80,7 | 14,1 | 81,2 | 3,4 | 95,3 | 118,1 | 17,4 |
| Шакар (қанд) | 152,3 | 4,0 | 110,8 | - | 114,8 | 75,4 | 2,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 265,1 | 102,0 | 69,8 | - | 171,8 | 64,8 | 38,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1883,3 | 665,0 | 7,4 | - | 672,4 | 35,7 | 35,3 |
| Тухми парранда (адад) | 1142,5 | 231,9 | 97,5 | - | 329,4 | 28,8 | 20,3 |
| Моҳи ва маҳсулоти моҳигӣ | 86,4 | 0,7 | 0,3 | | 1,0 | 1,1 | 0,8 |

Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020.

Дар натиҷаи чунин ҳолати истеҳсоли ватании маҳсулоти озуқаворӣ, сохтори истеъмоли аксарияти аҳолӣ нисбатан бад шудааст. Чунин хатар пеш аз ҳама, дар коҳишёбии истеъмоли маҳсулотҳои барои саломатии инсон зарур (гӯшт, маҳсулотҳои гӯштӣ, тухм, моҳӣ, равғани растанӣ, мева ва сабзавот) ба назар мерасад. Дар ҷадвали 4 истеъмоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқоиса бо меъёри оқилонаи сатҳи соли 1991 оварда шудаанд.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 5 маълум мегардад, ки таносуби муайяни меъёри оқилона ва аслии истеъмолот ба ҳар сари аҳолӣ дар истеъмоли маҳсулотҳои нонӣ, равғани растанӣ ва қисман картошка ба назар мерасад. Истеъмоли дигар маҳсулотҳо аз меъёри оқилона кам мебошад. Дар чунин ҳолати истеъмолот дар байни қисми зиёди аҳолии мамлакат мушкилиҳои бо саломатӣ вобаста буда ба назар мерасанд, ки бо истеъмоли нокифоягии витаминҳо, микроэлементҳо ва сафедаҳои аслӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд.

Ҷадвали 4

Истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Номгӯи маҳсулот | Меъёри оқилона (бо кг) | 1991 (бо кг) | 2019 (бо кг) | 2019 нисбат ба соли 1991 (бо %) | Нисбат ба меъёри оқилона (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти нонӣ | 130 | 155,1 | 160,6 | 103,5 | 123,5 |
| Картошка | 46 | 33,2 | 35,0 | 105,4 | 76,1 |
| Сабзавот | 142 | 94,2 | 70,7 | 75,0 | 49,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 251 | 171 | 60,9 | 35,6 | 24,3 |
| Гӯшт бо маҳсулоти гӯшти | 60 | 26,1 | 11,0 | 42,1 | 18,3 |
| Равғани растанӣ | 12 | 13,3 | 14,4 | 108,2 | 120,0 |
| Тухм (дона)) | 165 | 88 | 40 | 45,4 | 24,2 |
| Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ | 33 | 12,6 | 12,0 | 95,2 | 36,4 |
| Моҳи ва маҳсулоти моҳигӣ | 12 | 3 | 0,3 | 1,0 | 0,03 |
| Меваҳо | 78 | 31,9 | 33,2 | 104,1 | 42,6 |

Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020

Боз як хусусияти хатар ба бехатарии озуқавории мамлакат аз ҳисоби ҳаҷми зиёди воридот ва ҳолати коҳишёбии истеҳсолоти ватанӣ ҳолате ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он дар натиҷаи гузариш ба нархгузории озод, фарқияти таносубҳои нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ ниҳоят калон шудааст. Истеҳсолкунандагони кишоварзӣ маҷбуранд маҳсулоти худро бо нархҳои пасти яклухт фурӯшанд. Дар натиҷаи чунин амалҳо, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз сабаби ба даст овардани фоидаи паст, дар аксар ҳолат фаъолияти худро қатъ мегардонанд[1].

Аз сабаби мавҷуд набудани дастгирии муфиди давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ (махсусан молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ) бо сабабҳои гуногун, алалхусус бо сабаби ҳаҷми зиёди воридоти молҳои озуқаворӣ ва ба рақобат тоб наовардан, истеҳсолоти худро коҳиш дода истодаанд.

Аз рӯи ҷадвали 6 мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз соли 2013 то соли 2019 миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоюли афзоиш дошта, шумораи корхонаҳои кишоварзии давлатӣ аз соли 2013 рӯ ба камшавӣ ниҳода, танҳо дар соли 2019 ба як адад зиёд гардидааст.. Бешубҳа, ҳамаи ин тағйиротҳои сохторӣ, ки дар бахши аграрӣ ба назар мерасанд, ба натиҷаҳои хоҷагидории фаъолияти онҳо таъсири худро гузоштааст.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 5 маълум мегардад, ки афзоиши барориши умумии соҳаи кишоварзӣ дар ҳолати афзоиши миқдории хоҷагиҳои деҳқонӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар расида истодааст. Чунин алоқамандии афзоиши ҳаҷми барориши умумии истеҳсолоти кишоварзӣ ва миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ пеш аз ҳама боислоҳоти аграрӣ, ки аз тарафи давлату ҳукумат амалӣ карда мешавад, вобастагии қавӣ дорад.

Ҷадвали 5

Нишондиҳандаҳои умумии ҳолати ҳоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Показатели | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Шумораи корхонаҳои кишоварзии давлатӣ | 372 | 314 | 183 | 132 | 129 | 147 | 148 |
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ | 87594 | 108035 | 123379 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 |
| Маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоҳ (бо нархҳои соли 2016, млн. сомонӣ) | 20647,8 | 21480,1 | 22160,3 | 23320,9 | 24911,5 | 25898,7 | 27750,4 |
| Ҳаҷми умумии заминҳои корам (ҳазор. га) | 864,9 | 828,4 | 830,6 | 837,3 | 837,2 | 826,7 | 847,0 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. С. 12; С. 300, 302

[1] Мувофиқи маълумоти расонаҳои хабарӣ аз се ҳисса, ду ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатиро шаҳрвандоне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд ташкил менамояд.

Дар соли 2019 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба соли 2013 қариб 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ба афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ нигоҳ накарда, ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорводорӣ, алалхусус гӯшт, шир ва тухм то ҳол дар сатҳи паст қарор дорад (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорводорӣ аз рӯи ҳама категорияҳои хоҷагиҳо

| Номгӯи маҳсулот | Номгӯи категорияҳои хоҷагидорӣ | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Истеҳсоли гӯшт (ҳазор. тонн) | Тамоми категорияҳои хоҷагиҳо | 86,5 | 99,4 | 108,8 | 116,7 | 124,4 | 131 | 136,3 |
| | Корхонаҳои кишоварзӣ | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 1,9 | 1,9 | 2,0 | 4,8 |
| | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ | 81,0 | 93,8 | 103,0 | 110,7 | 118,0 | 123,5 | 124,7 |
| | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 3,4 | 3,5 | 3,7 | 4,1 | 4,5 | 5,5 | 6,8 |
| Истеҳсоли шир (ҳазор. тонн) | Тамоми категорияҳои хоҷагиҳо | 828,2 | 854,7 | 888,9 | 918,0 | 950,0 | 983,0 | 1000 |
| | Корхонаҳои кишоварзӣ | 13,9 | 16,4 | 15,9 | 16,2 | 16,8 | 16,3 | 16,9 |
| | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ | 784,2 | 807,4 | 840,2 | 867,8 | 897,3 | 929,2 | 944,9 |
| | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 30,1 | 30,9 | 32,9 | 34,0 | 35,8 | 37,5 | 38,8 |
| Истеҳсоли тухм (млн. адад) | Тамоми категорияҳои хоҷагиҳо | 343,7 | 350,0 | 357,2 | 337,1 | 341,4 | 450,0 | 725,7 |
| | Корхонаҳои кишоварзӣ | 225,5 | 222,9 | 225,7 | 173,6 | 151,3 | 259,2 | 546,1 |
| | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ | 112,6 | 120,7 | 126,6 | 155,8 | 178,8 | 179,9 | 171,3 |
| | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 5,6 | 6,4 | 4,9 | 7,7 | 11,3 | 11,2 | 8,3 |

Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон 2020. Душанбе 2020. С. 308

Маълумоти ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки истеҳсоли зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣи номбурда ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ рост меояд. Ин ҳолат дар шароите ба назар мерасад, ки дар дигар категорияҳои хоҷагӣ бо назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 2 млн. нафар одамон бо кор машғуланд.

Таҳлили сохтори истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ бо назардошти ҳама категорияҳои хоҷагӣ нишон медиҳад, ки 94% истеҳсоли гӯшт, 95% истеҳсоли шир ва 33% истеҳсоли тухм ба хоҷагиҳои ёрирасони шихсии аҳолӣ рост мебояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ мувофиқан дар истеҳсоли ин номгӯи маҳсулотҳо 4%, 3% ва 2% ташкил мекунад. Танҳо дар истеҳсоли тухм ҳиссаи зиёд ба корхонаҳои кишоварзӣ рост меояд. Аз сабаби барҳам додани фермаҳои чорводорӣ ҳиссаи зиёди истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ рост меояд. Чунин ҳолат дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз тарафи ҳама категорияҳои хоҷагӣ ба фикри мо бо он асос меёбад, ки баъд аз барҳам додани колхозҳо ва совхозҳо фаъолияти фермаҳои чорводорӣ аз байн рафтанд.

Оид ба ин гуфтаҳо тағйирёбии истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад (расми 1). Зеро истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои охир нисбат ба соли 2010, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ тамоюли афзоишёбӣ дорад. Сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ҷорводорӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2010 ба 189,1% зиёд гардида, нишондиҳандаи муқоисавӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ 168,8% ташкил кардааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки афзоиши дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии баназаррасида (расми 1) зери таъсири афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ҳам растанипарварӣ ва ҳам чорводорӣ ба миён омада истодааст.




Расми 1. Тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 2010. Сарчашмаи ҳисоб: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ, Душанбе 2011. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. С. 300.

Тамоюли коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои аввали ислоҳоти иқтисодӣ ба афзоиши ҳаҷми воридоти чунин молҳо сабаб шуд. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба тағйирёбии ҳаҷми воридот таъсири худро расонид. Дар поён ҷадвали 8 оварда мешавад, ки дар он маълумот оид ба ҳаҷми воридоти маҳсулоти чорводорӣ барои солҳои 1999, 2005, 2011 ва 2019 дар ифодаи шайъи оварда мешавад.

Аз рӯи ҷадвали 7 бе ягон мушкилӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз рӯи ҳама намуди маҳсулоти овардашуда афзоиши ҳаҷми воридот ба назар мерасад (ба ғайр аз гӯшти гов ва масолеҳи нимтайёри чорвои калони шохдор).

Бо баробари ин ҳаҷми воридоти махсулот дар соли 2019 нисбат ба соли 2011 даҳҳо маротиба афзоиш ёфта, бо муқоиса бо соли 1999 бошад ба садҳо маротиба афзудааст. Махсусан, ин ба воридоти гӯшти яхшудаи чорвои калони шохдор ва гӯшти паррандаи хонагӣ, шир ва тухм тааллуқ дорад. Дар натиҷаи пастравии ҳаҷми истеҳсолоти чорводорӣ қисми муайяни бозори дохилӣ бо махсулоти пастсифати воридотӣ пурра карда мешавад.

Ҷадвали 7

Тағйирёбии ҳаҷми воридоти маҳсулоти чорводорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ифодаи шайъӣ)

| Номгӯи маҳсулот | Солҳо | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2011 (маротиба) | Соли 2019 нисбат ба соли 1999 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1999 | 2005 | 2011 | 2019 | | |
| Чорвои калони шохдор (тонна) | - | - | 8 | 142 | 17,8 | - |
| Гӯсфанд ва бузҳои зинда (тонна) | - | - | - | 51 | - | - |
| Гӯшти гов (аз он ҷумла яхкардашуда) (тонна) | 1 | - | 28 | 17 | 0,6 | 17,0 |
| Гӯшти чорвои калони шохдор (тонна) | 2 | 328 | 2919 | 9265 | 3,2 | 4632,5 |
| Гӯшти хук (тонна) | - | - | 15 | 201 | 13,4 | - |
| Гушти барра ва буз (тонна) | 2 | - | 4 | 25 | 6,3 | 12,5 |
| Масолеҳи нимтайёри чорвои калони шохдор (тонна) | - | 1 | 28 | 23 | 0,8 | - |
| Гӯшти паррандаи хонагӣ (тонна) | 373 | 5805 | 54574 | 50146 | 0,9 | 134,4 |
| Шир ва қаймоқ (тонна) | 1 | 180 | 786 | 915 | 1,2 | 915,0 |
| Шир ва қаймоқи коркардшуда (тонна) | 172 | 517 | 1513 | 4253 | 2,8 | 24,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пахта, йогурт, кефир (тонна) | 2 | 328 | 1154 | 3765 | 3,3 | 1882,5 |
| Шири хушк (тонна) | - | 6 | 243 | 1636 | 6,7 | - |
| Равғани маска (тонна) | 31 | 414 | 1569 | 647 | 0,4 | 20,9 |
| Сирҳо ва творог (тонна) | 1 | 167 | 672 | 1030 | 1,5 | 1030,0 |
| Тухми парранда (ҳазор дона) | 252 | 3200 | 9702 | 133242 | 13,7 | 528,7 |

Сарчашма ҳисоб: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои, 2005, 2011 ва 2017. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2015. Душанбе 2015. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе 2020.

Дар ҷадвали 8 мо вобастагии бозори озуқаврии дохилии мамлакатро аз воридот барои баъзе аз маҳсулот ҳисоб намудем.

Аз сабаби он, ки ҳаҷми истеҳсоли аксарияти намудҳои маҳсулот дар омори расмӣ бо нишондодҳои гуногуни муқоисанашаванда оварда мешаванд, ҳангоми таҳлили мазкур мо танҳо он маҳсулотҳоро ба назар гирифтем, ки қобилияти муқоисашаванда доранд ва вобастагии бозори дохилиро аз воридот муайян намудем. Новобаста аз он, ки ҷадвали 9 аз рӯи принсипи таҳлили статистикаи муқоисавӣ тартиб дода шудааст, он ба мо имконият медиҳад, ки оид ба сатҳи баланд қарор доштани вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулотҳои озуқаворӣ хулосабарорӣ намоем. Аз байни молҳои озуқавории номбурда вазъият дар воридоти равғани чорво, гӯшти паррандаи хонагӣ ташвишовар аст, ки вобастагии бозори дохилӣ ба ин молҳо зиёда аз 90% ташкил мекунад. Инчунин бояд қайд намуд, ки баланд намудани дараҷаи вобастагӣ аз воридот аз рӯи чунин маҳсулотҳо, ба монанди тухми парранда, гӯшти чорвои калони шохдор ба назар расида истодааст. Вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти ин молҳо дар соли 2019 тақрибан 70,6% ташкил мекунад, ки ин нишондод хеле баланд мебошад.

Ҷадвали 8

Вобастагии бозори озуқавории дохилӣ барои баъзе молҳои хӯрокворӣ

| Номгӯи маҳсулот | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | | 2019 | | |
| | Ҳаҷми воридот (тонна) | Ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ (тонна) | Вобастагӣ аз воридот | Ҳаҷми воридот (тонна) | Ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ (тонна) | Вобастагӣ аз воридот |
| Равғани чорвои калони шохдор | 676 | 7,5 | 98,9% | 688 | 23,3 | 93,7% |
| Ҳасибҳо ва маҳсулоти тайёр аз гӯшт | 7410 | 803 | 90,2% | 4912 | 2050 | 69,6% |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 7015 | 2882 | 70,9% | 10718 | 6205 | 61,3% |
| Макарон | 16316 | 2256 | 87,9% | 43512 | 4022 | 91,5% |
| Яхмос | 33 | 506 | 6,1% | 566 | 867 | 39,5% |
| Гӯшти паррандаи хонагӣ | 54574 | 4200 | 92,9% | 50146 | 5000 | 91,0% |
| Гӯшти чорвои калони шохдор (аз он ҷумла яхкардашуда) | 2947 | 33400 | 8,1% | 9282 | 38500 | 19,5% |
| Тухми парранда (ҳазор дона) | 9702 | 151000 | 6,0% | 133242 | 343700 | 28,0% |

Сарчашма: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. С. 89-91. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. С. 55 -56. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе 2020.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъминоти бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Оид ба ин масъала профессор Умаров Х.У. дар яке аз мақолаҳои худ “Бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон: дурнамо ва монеъаҳо” қайд мекунад, ки бехатарии озуқавории кафолатбахш дар ҳудуди 70-75% истеҳсолоти дохилӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеъмолии озуқаворӣ муқаррар карда шудааст [6]. Айнан чунин ақидаро олимони рус Глазев С.Ю. ва Лосков В.В. тарафдорӣ мекунанд. Ба фикри онҳо зиёдшавии ҳиссаи воридоти молҳо дар истеъмоли мардум зиёда аз 35%, маънои дучори мамлакатро ба вобастагии қавӣ аз дигар мамлакатҳо дорад. Бо баробари ин дараҷаи ҳудудии

вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ 25% буда, афзоиши он ба бехатарии озуқавории мамлакат таҳдид мекунад [1.С 32].

Дар ҳақиқат, вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти истеъмолӣ зиёда аз 30% ва озуқаворӣ аз 25% ба бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад. Зеро ҳангоми диққат надодан ба ин мушкилӣ, соҳаи истеҳсолоти озуқаворӣ метавонад ба монанди соҳаи саноати кишвар ба ҳолати бӯҳрони тӯлонӣ дучор шавад. Аз даст додани мавқеъ аз тарафи истеҳсолкунандагони молҳои озуқаворӣ дар бозори дохилӣ хоҳу нохоҳ ба воситаи воридоти маҳсулотҳо бартараф карда мешавад, ва ин ҳолат метавонад Тоҷикистонро ба вобастагии баланди воридотӣ оварда расонад.

Нисбати маҳсулоти растанипарварӣ қайд кардан бамаврид аст, ки ба афзоиши муттасили он нигоҳ накарда, дар даҳсолаи охир ғанигардонии бозори дохилии мамлакат аз ҳисоби истеҳсолкунандагони дохилӣ ва харидҳои воридотӣ ба назар расида истодааст.

Таҳлили сохтори молии воридоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба кишвар як қатор намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ тамоюл ба афзоишро доранд (ҷадвали 9). Маълумоти дар ҷадвали 9 овардашуда нишон медиҳад, ки дар давари таҳлилӣ ба афзоиши имкониятҳои истеҳсолии дохилӣ нигоҳ накарда, воридоти онҳо низ сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Махсусан, чунин афзоиш ба воридоти картошка, помидор, меваҳо, сабзавот ва шарбатҳои мевагӣ ва ғайраҳо.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи ҳамаи молҳои озуқавории дар ҷадвали 9 овардашуда, ба ғайр аз меваҳои ситрусӣ кишвари мо қобилияти таъминоти мустақилро дорад. Барои истеҳсоли ин намуд маҳсулотҳо, Тоҷикистон шароитҳои муфид дорад. Лекин аз сабаби як қатор хусусиятҳои худ молҳои озуқавории ватанӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ рақобатпазирии пасттар дорад. Пеш аз ҳама, ин хислатҳои ба меваҳо, ба монанди себ, нок, олу хос аст. Воридоти ин меваҳо ба ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби намуди зоҳирӣ ва имконияти муддати дуру дароз нигоҳ доштани онҳо аз сабаби коркарди онҳо бо маводҳои кимиёвии гуногун ба назар мерасад. Аз нуқтаи назари экологӣ меваҳои ватанӣ нисат ба меваҳои воридотӣ фоиданокии зиёдтар доранд.

Ҷадвали 9

Воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди шайъӣ (бо тонна)

| Номгӯи маҳсулоти озуқаворӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Картошка | 27522 | 25713 | 12601 | 33125 | 42636 |
| Сабзавот | 26487 | 722 | 4246 | 13795 | 4632 |
| Помидор | 71 | 168 | 108 | 1119 | 1287 |
| Пиёз | 26013 | 410 | 4058 | 11209 | 2633 |
| Меваҳои ситрусӣ | 5889 | 7778 | 7513 | 13094 | 26348 |
| Меваҳо | 5353 | 9771 | 18506 | 22302 | 42302 |
| Ангур | 24 | 367 | 4 | 44 | 69 |
| Себ, нок ва олу | 593 | 2468 | 1859 | 750 | 3455 |
| Дигар меваҳо | 185 | 208 | 250 | 609 | 1220 |
| Хушкмеваҳо | 213 | 1605 | 7 | 89 | 27 |
| Чормағзи заминӣ | 15 | 56 | 0 | 0 | 0 |
| Помидори консервашуда | 1009 | 594 | 1146 | 1145 | 477 |
| Афшураҳои мевагӣ ва сабзавотӣ | 1392 | 743 | 877 | 788 | 1175 |
| Гандум | 413076 | 454374 | 442514 | 757711 | 640207 |
| Орди гандуми | 410454 | 389495 | 345961 | 360334 | 243999 |

Сарчашма: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе 2020.

Дар рақобат бо меваҳои воридотӣ, меваҳои кишвари мо танҳо аз рӯи намуди зоҳирӣ ва мӯҳлати кӯтоҳи нигоҳдорӣ фарқият доранд. То ҳатто дар рақобати нархӣ, меваҳои мо як қатор афзалият доранд. Ба чунин афзалиятҳои воридотивазкунии онҳо вазъияти доимо тағйирёбандаи бозори асъор низ баромад мекунад. Бо ибораи дигар пастшавии қурби асъори миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ метавонад чунин воридотивазшавиро ҳавасманд гардонад.

Зеро молҳои воридотӣ бо асъори хориҷӣ харидорӣ карда шуда, нархи онҳо дар бозори дохилӣ бо асъорӣ миллӣ муайян карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб нархи молҳои воридотӣ нисбат ба молҳои ватанӣ барои харидорон нисбатан қиматтар мешаванд. Бо баробари ин хусусиятҳо ба воситаи истифодабарии технологияҳои нави парвариши ин гуна маҳсулотҳо бояд ҳосилнокии онҳо аз ҳар як гектар баланд карда шаванд. Бо баробари ин зарур аст, ки фаъолияти корхонаҳои кишоварзии қабул, коркард ва нигоҳдории ин гуна молҳо таъмин карда шаванд, ки дар оянда метавонанд аз бозори дохилӣ ҳаҷми молҳои хориҷиро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳанд.

Барои амалигардонии ин чорабинӣ ба иқтисодиёти миллӣ ҷамъияти кооператсияи матлубот кӯмаки худро расонида метавонад. Бо баробари амалигардонии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодии худ, ҷамъиятҳои матлубот ба воситаи ташкил намудани нуқтаҳои қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва то ба харидор бурда расонидани молҳои озуқаворӣ, метавонанд ба рақобатпазирии молҳои озуқаворӣ таъсири мусбат расонанд. Чорабинии пешниҳодшаванда ҷараёни мутамаркази қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва дар охир фурӯши молҳои озуқавориро таъмин карда, нархи онҳоро мутаносибан баробар месозад. Бо баробари ин амалисозии чунин чораҳо ҳолатҳои ҷаллобиро дар бозорҳои мамлакат бартараф сохта метавонад. Ба ҳама маълум аст, ки дар бозорҳои барои фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ таъинот дошта, дар аксари ҳолатҳо деҳқони оддӣ (истеҳсолкунандаи бевосита) наметавонад маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ фурӯшад. Харидорони яклухт маҳсулотҳои деҳқононро бо нархҳои паст харидорӣ карда, ба савдогарони хурд мефурӯшанд, ки онҳо дар навбати худ ин молҳоро бо нархҳои баландтар ба истеъмолкунанда мефурӯшанд. Дар натиҷа, баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар бозорҳои кишвар ба миён меояд. Бо баробари ин деҳқони бо заҳмату меҳнати вазнин маҳсулотро истеҳсолкарда, арзиши изофаи пастро нисбат ба фурӯшандагони ниҳоӣ ба даст меорад. Ҳамин тавр аксарияти молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба нуқтаҳои фурӯш роҳ наёфта, фоидаи камро ба даст меоранд (дар баъзе ҳолатҳо зарар мебинанд) ва фаъолияти худро қатъ мегардонанд. Дар натиҷаи ниҳоӣ, дар кишвар талаботи қонеънашуда ба маҳсулоти озуқавории ватанӣ ба миён меояд. Бо мақсади қонеъгардонии талабот ва ба даст овардани фоидаи барзиёдӣ, фирмаҳои бо фурӯши яклухт машғулбуда ба воридоти маҳсулотҳои озуқаворӣ даст мезананд, ки соҳаи кишоварзии мамлакат метавонад худ истеҳсол кунад. Чунин тамоюл дар мамлакат торафт афзоиш ёфта истодааст. Айнан барои ҳамин мо пешниҳод менамоем, ки нақши ҷамъиятҳои кооператсияи матлубот дар ҳалли ин масъала баландтар карда шавад. Гумон дорем, ки чунин амалҳо ба мӯътадилии нархҳои молҳои озуқаворӣ дар бозори дохилӣ мусоидат менамоянд. Чунин муносибат ба ҳалли масъалаи истифодаи имкониятҳои иқтисодиёт барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба он асос меёбад, ки дар солҳои охир дар мамлакат тамоюли афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ ба назар мерасад. Махсусан, чунин афзоишёбӣ дар тӯли даҳсолаи охир ба назар расида истодааст. Маълум аст, ки хоҷагиҳои деҳқонии хурд асосан дар чорчӯбаи оилаҳо фаъолият мебаранд, аз ин лиҳоз алгоритми истеҳсол, қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳо ба воситаи иштироки ҷамъиятҳои кооператсияи матлубот метавонад ба рушди сохторҳои хоҷагии номбурда мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, мушоҳидаи имкониятҳои воридотивазкунӣ дар соҳаи озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соҳаи кишоварзии мамлакат ба дараҷаи кофӣ иқтидори худро истифода намебарад. Таҳлили истеҳсоли молҳои озуқаворӣ бо дарназардошти маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ нишон дод, ки аз рӯи намудҳои муайяни маҳсулотҳои воридотӣ, соҳаи кишоварзии мамлакат шароитҳои имконпазир дорад. Пеш аз ҳама, ин ба истеҳсоли маҳсулоти гӯшти чорвои калони шохдор, гӯшти паррандаи хонагӣ, тухм, маҳсулотҳои ширӣ, сабзавот ва меваҳо, дахл дорад. Бо мақсади самаранок истифода бурдани имкониятҳои мавҷудаи мамлакат дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда, истифодаи иқтидори ҷамъиятҳои кооператсияи матлубот зарур мебошад. Самаранокии чунин чорабинӣ бо он маънидод карда мешавад, ки қисми зиёди озуқаворӣ дар хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда мешаванд. Гумон дорем, ки дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои дар боло зикршуда, ба пастшавии вобастагии воридотӣ ва худтаъминкунии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат намуда, бехатарии озуқавории мамлакатро мустаҳкам мекунад.

## АДАБИЁТ

1. Глазьев С.Ю. Лосков В.В. Оценка предельно критических значений показателей состояния российского общества и их использование в управлении социально-экономическим

развитием. // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. 2012, №4(22) С. 22-41. С.-32.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. Душанбе, 2019. 476 С.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. 478 С.
4. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2020.
5. Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори солона. Душанбе, 2011. 798 С.
6. Умаров Х.У. Продовольственная безопасность в Таджикистане: перспективы и препятствия. Газета Азия – плюс. http://news.tj. 16.10.2014.
7. Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2005. Душанбе 2005. 598 С.
8. Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2011. Душанбе 2011. 596 С.
9. Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2017. Душанбе 2017. 594 С.
10. Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020. 602 С.

## REFERENCES

1. Glazyev S.Yu. Loskov V.V. Estimation of the critical values of indicators of the state of the Russian society and their use in the management of socio-economic development. // Economic and social changes: facts, trends, forecast. 2012, No. 4(22) P. 22-41. P.-32.
2. Omori solonai Jumhurii Tojikiston 2019. Dushanbe, 2019. 476 p.
3. Omori salt and jumhurii Tojikiston 2020. Dushanbe, 2020. 478 p.
4. Sanoati Jumhurii Tojikiston 2020. Маҷmui omori. Dushanbe, 2020.
5. Tojikiston: 20 salt Istiqloliyati davlati. Omori the salt. Dushanbe, 2011. 798 p.
6. Umarov H.U. Food Security in Tajikistan: Prospects and Obstacles. Asia newspaper is a plus. http://news.tj. 10/16/2014.
7. Fa'oliyati berunii itisodii Jumhurii Tojikiston 2005. Dushanbe 2005. 598 p.
8. Fa’oliyati berunii itisodii Jumhurii Tojikiston 2011. Dushanbe 2011. 596 p.
9. Fa’oliyati berunii itisodii Jumhurii Tojikiston 2017. Dushanbe 2017. 594 p.
10. Fa’oliyati berunii itisodii Jumhurii Tojikiston 2020. Dushanbe, 2020. 602 p.